ПРОТОКОЛИ №49.1
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

аз 27 декабри соли 2025 **ш. Хуҷанд**

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

Раиси шуро: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем. Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, №289/шд тасдиқ шудааст 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз гардад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муаян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ.

Баромад намуданд: муовини муовини раиси шурои диссертатсионӣ – д.и.и., профессор Бобоҷониён Д.Д., аъзои шурои диссертатсионӣ – д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н., д.и.и., дотсент Абдуқодирӣ Х.А. дар раванди баррасии масъалаи мазкур суханронӣ намуда, оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ва ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро ба экспертизияи аввалия қабул қабул намудан мумкин аст.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин муқаррар карда шавад:

- **Раҳимов А.М.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;

- **Газибеков С.А.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;

- **Дадоматов Д.Н.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Ризозода Т.Р.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент **Саиджонов С.Ш.**